# Номаи иттилоотӣ: Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Забон ва Истиқлол»

Submitted by Ҳайати тадорукот on 1 September, 2021 - 13:30

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои банди 46-и Нақшаи амалисозии «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2021» аз 28 ноябри соли 2020, №647, Нақшаи кории Кумита дар нимсолаи дуюми соли 2021, банди 9-и Низомномаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузор намудани конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Забон ва

Истиқлол» ба нақша гирифтааст, ки он бо иштироки олимону донишмандони ҷумҳурӣ рӯзи 5-уми октябри соли равон (соати 9:00) дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад. Забони кории конференсия: тоҷикӣ.

**Дар конференсия масъалаҳои зерин баррасӣ хоҳанд шуд:**
- рушди забони тоҷикӣ дар тамоми қишри ҷомеа;
- вазъи таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимии ғайритоҷикии ҷумҳурӣ;
- масоили таблиғоти иттилоотӣ, ВАО (матбуот) бо забони тоҷикӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;
- таҳқиқи осори хаттии қадимаи тоҷикон дар пажӯҳишгоҳҳои илмии кишвар ва хориҷ аз он;
- нақши забони тоҷикӣ ва дастраси мероси классикони адабиёти тоҷикӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ (Интернет);
- тарҷумаи осори адибони тоҷик дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;
- робитаи забонию фарҳангӣ бо тоҷикони хориҷи кишвар;
- вазъи корбурд ва таблиғи эълону реклама, навиштаҷот бо забони давлатӣ;
- номгузорӣ ва интихоби ном – муаррификунандаи тамаддуну ҳастии миллат;
- вазъи таҳияи фарҳангномаҳои дузабона – забони тоҷикӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ;
- таҳқиқи шеваҳо ҳамчун омили сарчашмаи такмили таркиби луғавии забони адабӣ.

**Талабот ба таҳияи маърузаҳо:**
Маърӯза дар ҳаҷми аз 5 то 8 саҳифаи чопӣ дар формати Word, варақаи андозаи А 4 дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод карда шавад. Ному насаб, унвон ва дараҷаи илмӣ, вазифаи ишғолкардаи муаллиф бо пуррагӣ дар гӯшаи рости варақ баъди унвони маърӯза ҷойгир карда шавад.
Иштирокдорон метавонанд маводи худро то 5-уми сентябри соли 2021 ба нишонии мо: шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25 ё ин ки ба нишонии почтаи электронии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (info@kumitaizabon.tj [1]) ва факси Кумитаи мазкур (+992 227-78-29) ирсол намоянд.
Қарори Комиссияи тадорукот оид ба ворид намудани маърузаҳо ба барномаи Конференсия рӯзи 20-уми сентябри соли 2021 тавассути почтаи электронии даъватшавандагон эълон карда мешавад.

Телефонҳо барои тамос: 227 64 51; 92 721 53 46

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]
- Конференсияҳо [3]

**Source URL:** http://www.kumitaizabon.tj/en/content/nomai-ittilooti-konferensiyai-ilmiyu-amalii-chumkhuriyavi-takhti-unvoni-zabon-va-istiklol?calendar_block_month=11&calendar_block_year=2019

**Links**
[1] mailto:info@kumitaizabon.tj [2] http://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3]

http://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/30